«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор
_____________Шоҳиён А.Н.
«_____»___________ соли 2025

# ХУЛОСАИ

**Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон ба диссертатсияи Мисралиева Фируза Назримадовна дар мавзуи "Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

Диссертатсияи Мисралиева Фирӯза Назримадовна дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарӣ –и Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб омода шудааст.

Мисралиева Фирӯза Назримадовна соли 2017 Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб -ро бо ихтисоси таъминоти барномавии технологияҳои иттилоотӣ (ДМБ № 0084327 аз 14.06.2017) хатм намудааст. Худи ҳамон сол ҳуҷҷатҳояшро ба магистратураи ҳамин Донишкада аз рӯи ихтисоси таъминоти барномавии технологияҳои иттилоотӣ супорида соли 2019 (ДММ № 0010298 аз 18.06.2019) хатм намудааст.

Аз 01.04.2012 то 30.05.2014 ба ҳайси омӯзгори фанни технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилоти ҷамъиятии "Наҷоти кӯдакон" дар шаҳри Кӯлоб фаъолият намудааст. Аз соли 2014 то 2015 дар лоиҳаи САҲА ба ҳайси сардори гуруҳи корӣ (фасилитатор) дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб фаъолият намудааст. Аз соли 2017 то инҷониб дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб кору фаъолият менамояд.

Аз соли 08.02.2021 (мутобиқи банди 4 – и "Низомномаи тайёр намудани кадрҳои илмию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2006 №6/4") унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ – и (номи ҳозираи кафедра ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарӣ)

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб мебошад.

Мавзуи таҳқиқотии Мисралиева Фирӯза Назримадовна дар Шурои олимони Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб тахти №9 аз 30.04.2021 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Шаҳодатнома доир ба супоридани имтиҳонҳои номзади (минимум) аз фани забони англисӣ 12.01.2022, аз фани таърих ва фалсафаи илм 25.01.2025, имтиҳон аз рӯи ихтисос 16. 06.2025 бо баҳои "хуб" супорид.

**Роҳбари илмӣ:** Аҳмадзода Бунафша Саймузафар н.и.п., дотсент муовини ректор оид ба тарбия ва корҳои иҷтимоии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ.

Диссертатсияи Мисралиева Фирӯза Назримадовна дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарӣ 26.06.2025 №11 муҳокима гардида ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи ҳимоя тавсия карда шудааст

**Дар асоси муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:** Диссертатсияи Мисралиева Фирӯза Назримадовна дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯй ихтисоси 13.00.01.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба мавзуи мубрам бахшида шудааст. Таҳқиқоти илмӣ бо забони илмии тоҷикӣ ва бо асосноккунии илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳо пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад: *банди 1* – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва автореферат.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 10 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки 3 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва 3 номгӯй дар нашрияҳои конференсияҳои байналмилали дигар ба табъ расидаанд.

Таҳлили технологияҳои муосири ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз захираҳои шабакаи Интернет.

***Мутобиқати диссертатсия ба талаботи Низомнома.*** таҳқиқоти диссертатсионии Мисралиева Фирӯза Назримадовна дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, кори баитмомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва бо тағйироту иловаҳо аз 26.06.2023 таҳти № 295 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони ватанию хориҷӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот; таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори озмоиш ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маводҳои озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо,

ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда, ки фарогири 110 номгӯй аст, иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия 174 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Теоретические аспекты формирования ключевых компетенций учащихся старших классов ресурсами сети интернет. [Матн] /Мисралиева Ф. Н. Ахмадзода . Б. С // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №11. – С.299-304.

[2-М]. Мисралиева Ф. Н. Шартҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болой тавассути технологияҳои рақамӣ. [Матн] / Мисралиева Ф. Н. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – //бахши илмҳои педагогӣ // соли 2025. – №7

[3-М]. Мисралиева Ф. Н. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои бо истифода аз захираҳои Интернетӣ [Матн] / Мисралиева Ф. Н. // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. //бахши илмҳои педагогӣ // – 2025. – №1 (38).

**2. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[4-М]. Мисралиева Ф. Н. конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Нақш ва аҳамияти технологияи рақамӣ ва интеллекти сунъӣ дар рушди соҳаҳои мошинсозӣ, сохтумон, энергетика, химия, саноати сабук" бахшида ба 20 - солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ барои солҳои 2020 – 2040. [Матн] Нақши технологияҳои иттилоотӣ дар рушди иқтисоди рақамӣ. Кӯлоб, 2022. – с. 106-109

[5-М]. Мисралиева Ф. Н. Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Нақши илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ дар татбиқ ва ташаккули технологияҳои инноватсионӣ ва зеҳни сунъӣ". Бахшида ба 20 солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ барои солҳои 2020-2040 ва 30 солагии иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] /Мисралиева Ф. Н / Усулҳои тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар рӯшди зеҳни сунъӣ – Кӯлоб, 2022. – С. 33-35.

[6-М]. Мисралиева Ф. Н / Нақш ва аҳамияти зеҳни сунъӣ дар рушди мутахассисони рақобатпазирӣ бозори меҳнат. [Матн] /Маводи

конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Масоили муҳимми таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир". – ш.Кӯлоб, 2023.

[7-М]. Мисралиева Ф. Н / Асосноксозии амсилаи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва захираҳои шабакаи Интернет [Матн] / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «нақши зеҳни сунъӣ дар саноат, энергетика, сохтмон, нақлиёт, тиб, кишоварзӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва рушди инноватсионӣ дар тоҷикистон» – ш. Кӯлоб, 2025с.

[8-М]. Мисралиева Ф. Н. /Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва захираҳои шабакаи Интернет барои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ /[Матн]. Маводи конференсияи илмӣ- амалии ҷумҳуриявиро дар мавзуи "Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". –ш. Бохтар 2025с

[9-М]. Мисралиева Ф. Н. /Амсилаи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ, асосноксозӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ ва захираҳои шабакаи интернет./ [Матн] Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Роҳҳои баланд бардоштани амнияти иттилоотии шахс, ҷамъият ва давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – ш.Кӯлоб, 2025.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Мисралиева Фирӯза Назримадовна дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Мисралиева Фирӯза Назримадовна дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарӣ Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, санаи 26.06.2025 протоколи № «11» қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳи:: «тарафдор» – 21 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарӣ Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон

Иброҳимов Г

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ. и.в. дотсент — Шарипов Б. Р

Имзоҳои Иброҳимов. Г. ва Шарипов Б. Р. -ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳои ДИТРТ — Шокиров Қ. Б.